**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид дар мавзуи «Инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддини Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқотии Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами замони муосир мебошад, зеро дар шароити рушди босуръати ҷомеа, ҷаҳонишавӣ ва густариши технологияҳои иттилоотй масъалаи тарбияи насли наврасу ҷавон дар руҳияи инсонгаройй, ахлоқи ҳамида, худшиносии миллӣ ва арзишҳои умумибашарӣ аҳаммияти бештар касб намудааст.

Аз ин лиҳоз, мавзуи интихобкардаи диссертант Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид “Инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддин Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир” мубрам буда, дорои аҳаммияти баланди назариявӣ ва амалӣ мсбошад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, зарурати муттаҳидсозии инсоният дар заминаи арзишҳои умумибашарӣ ва идеалҳои ахлоқӣ беш аз пеш эҳсос мешавад. Дар ин замина, таҳқиқ ва баррасии мероси илмию адабии мутафаккири бузург Ҷалолиддини Балхӣ, бахусус, андешаҳои гуманистии ӯ дар бораи инсони комил ва татбиқи онҳо дар шароити муосири таълиму тарбия, аз ҷониби муҳаққиқ саривақтӣ ва комилан асоснок мебошад.

Инчунин, омӯзиши ғояҳои инсонгароёна ва андешаҳои тарбиявии Ҷалолиддини Балхй, ки дар осори ӯ масъалаҳои камолоти маънавӣ, эҳтироми инсон, дӯстиву ҳамдигарфаҳмӣ, адолат ва худтакмилдиҳӣ ҷойгоҳи муҳим доранд, аҳаммияти хос пайдо мекунад. Осори Балхӣ метавонад ҳамчун манбаи арзишманди маънавӣ дар тарбияи инсони комил ва ташаккули сифатҳои беҳтарини ахлоқии ҷавонон истифода гардад. Таҳқиқи масъалаи «Инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддини Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир» на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки арзиши баланди амалӣ дошта барои такмили раванди таълиму тарбия, баланд бардоштани сатҳи маънавияти ҷавонон ва таҳкими арзишҳои миллӣ мусоидат менамояд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисоси илмӣ ва самтҳои таҳқиқот.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид дар мавзуи “Инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддин Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити

муосир” ба яке аз самтҳои муҳимми таҳқиқоти соҳаи педагогика бахшида шудааст. Мазмуну муҳтаво, мақсад ва вазифаҳои кор ба талабот ва шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот комилан мутобиқат менамояд.

**Дараҷаи омӯзиши мавзуъ.**

Муаллиф дар автореферат огоҳии баланди худро аз манбаъҳои илмии мавҷуда, аз ҷумла корҳои муҳаққиқони дохилӣ ва хориҷӣ нишон медиҳад. Таҳияи диссертатсия ба доираи васеи сарчашмаҳо асос ёфтааст: гурӯҳи аввали ин таҳқиқотро асарҳое ташкил медиҳанд, ки дар маҷмуъ доир ба таърихи фарҳанг, адабиёт ва илми ин даврон, аз ҷумла, педагогика бахшида шудаанд.

Ба таҳқиқи ин ақидаҳо ва таъсири онҳо ба инкишофи минбаъдаи низоми маорифи Тоҷикистон асарҳои Х. Афзалов «Мактаб ва афкори педагогӣ дар Эрон дар охири асри XIX - ибтидои асри XX», М. Лутфуллозода «Педагогикаи миллии халқи тоҷик», Қ. Қодиров «Мафҳуми «Консепсияи «инсони комил» дар адабиёти тоҷику форси асрҳои XI-XII», инчунин, Файзалиев Ҷ.Х., ки дар таҳқиқоти худ сарчашмаи акидаҳои педагогии як қатор мутафаккирони асри миёнаро марбут ба усулҳои тарбияи «инсони комил» ошкор месозад, бахшида шудаанд. Дар омӯзиши масъалаҳои баррасишаванда таҳқиқотҳои Ф. Шарифзода, М. Каримова, А. Паҳлавонова, С. Сулаймонӣ, З. Тоҳирова ва дигарон саҳми арзанда гузоштаанд.

**Ҳадаф, вазифаҳо, объекти таҳқиқ ва мавзуи омӯзиш.**

Ҳадафи таҳқиқот равшан ва мантиқӣ муайян шудааст - инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддини Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир ошкор карда шудааст. Вазифаҳо мушаххас буда, ба ҳадаф мутобиқанд ва ҷанбаҳои таърихию педагогӣ ва арзишшиносии масъалаҳоро дар бар мегиранд.

Объекти таҳқиқот - тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддини Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир пурра ба мазмун ва мантиқи таҳқиқи илмӣ мутобиқат доранд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.**

Довталаби дараҷаи илмӣ дар пажӯҳиши хеш ба дастовардҳои илмие ноил гардидааст, ки муҳимтарин вазифаҳои назариявӣ ва амалии таърихи педагогикаро фаро мегиранд. Доир ба навгонии илмии таҳқиқот қайд кардан зарур аст, ки муаллиф нахустин маротиба дар таҳқиқоти илмӣ-педагогии муосир дастовардҳои мутафаккири бузургро аз нигоҳи усулҳои муосири герменевтикии педагогӣ (таҳлили матн) ва консепсияи маорифи милливу умумибашарӣ ҳаматарафа мавриди баррасӣ ва таҳлили амиқи илмӣ карор додааст.

Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки унвонҷӯ оид ба проблемаи таҳқиқот дониши хуби назариявӣ-илмӣ дорад, бо адабиёти илмӣ-педагогӣ хуб шинос аст ва аз ҳама муҳимаш, адабиёти илмиро дар таҳқиқот хуб истифода бурда метавонад. Дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ-педагогӣ ва гузаронидани корҳои таҷрибавию озмоишӣ, муаллифи диссертатсия мавзуи «Инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддини Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир»-ро бори аввал дар илми педагогикаи ватанӣ ба таври ҳамаҷониба мавриди омӯзиш. таҳқиқ ва тахдили амиқи илмӣ қарор додааст.

**Аҳаммияти пазариявии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки методологияи педагогикаи муосири миллӣ дар заминаи эҳё ва татбиқи мероси таърихию педагогии Ҷалолиддини Балхӣ такмил ёфта, низоми мафҳумии илми педагогика бо истилоҳоту консепсияҳои тозаи марбут ба «инсонгаройӣ» ва «инсони комил» таъмин касб намудааст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки маводи гаҳқиқоти анҷомёфта дар фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ, ҳангоми тадриси фанҳои «Педагогика», «Таърихи педагогика», «Педагогикаи халқии тоҷик» ва курсони махсус доир ба мактаби Мавлоно Балхӣ метавонанд ба таври васеъ татбиқ гарданд. Ҳамзамон, технологияҳо ва тавсияҳои методии муаллиф дар фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ, мактаб-интернатҳо ва марказҳои рушди кӯдакон ҷиҳати ташкили соатҳои тарбиявӣ ва корҳои беруназсинфӣ оид ба тарбияи ахлоқию маънавии насли наврас муваффакона мавриди истифода карор дода мешаванд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Муаллифи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот, нуктаҳои асосӣ, тавсияҳо ва хулосаҳои илмии худро дар 8 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст. Аз ин шумор, 4 макола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи рӯйхати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр шудаанд, ки муҳтавои диссертатсияро комилан фаро мегиранд.

**Сохтор ва ҳаҷми таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Таҳкиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, 3 боб, 6 зербоб, хулосаҳо, тавсияҳои амалӣ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, мазмуни диссертатсия дар 223 саҳифаи чопи компютерӣ дарҷ гардидааст.

**Хулоса,** диссергатсияи Абдулмаҷидзода Манучехр Абдулмаҷид дар мавзуи «Инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддин Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму гарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити

муосир» яке самти нав ва мубрами илмӣ-таҳқикотии дар соҳаи педагогикаи муосир мебошад. Диссертатсия ба забони возеҳи илмӣ навишта шуда, аз ҷиҳати муҳтаво, мақсаду вазифа, аҳаммияти илмию амалӣ, хулосаву тавсияҳои арзишманди илмиро касб кардааст. Автореферат мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра дарбар мегирад. Мақолаҳои илмии ба табъ расида муҳтавои нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

Хулоса, диссертатсияи Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид дар мавзуи “Инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддин Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир” ба талаботи Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) мутобикат мекунад ва муаллифи он сазовори дарёфги дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

**Муқарризи ғайрирасмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, дотсент,
муовини ректор оид ба тарбияи
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ» Аҳмадзода Бунафша Саймузафар

Имзои Аҳмадзода Б.С.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ Қодирзода Н.Ҳ.

**Суроға: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
ш. Душанбе, хиёбони академикҳо
Раҷабовҳо, 10,
Тел.: +992 (372) 21-35-11
E-mail: info@ttu.tj, ttu@ttu.tj

« 16 » июни соли 2026